# Хонавода – оила - фомил

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 1 Январ, 2017 - 11:11
Ин се вожа ба се гурӯҳи забонҳо, яъне эронӣ, арабӣ (сомӣ) ва лотинӣ марбут буда, дар истилоҳоти вижаи форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ба кор мераванд. Вожаи «хонавода», ки махсуси забони форсӣ — тоҷ икист дар баёни ин маънӣ аз оғози давраи нави ташаккули забони порсии дарӣ дар ҳавзаҳои забони он мавриди истифода қарор дорад ва он ягона истилоҳест, ки бо доштани бунёди эронӣ аз баробариҳои дигар тафовут мекунад.

Дар маънии «хонавода» дар осори форсии миёна вожаҳои dūdak, tō(h)mag, tō(h)m, ки дар порсии дарӣ ба гунаҳои dūda (дуда) ва tuxma (тухма) маълуманд, мавриди истифода қарор доштаанд. Истилоҳи паҳлавии tō(h)mag, tō(h)m ҳанӯз дар замони Ҳахоманишиё дар форсии бостон дар шакли tauma — ба маънои «дудмон, хонавода» маълум будааст [Kent R. 1953, 185; Brandenstein W., Mayrhofer M. 1964, 164]. Ин вожа аз форсии миёна ба забони арманӣ дар шакли tohm (туҳм( иқтибос шудааст [Nyberg 1974, 194; MacKenzie 1971, 28, 83, 113].

Дар осори паҳлавӣ истилоҳоти dūdag ва tō(h)mag дар як таркиб ба гунаи tō(h)mag ud dūdag омада, ки маънои «нажоду хонавода»-ро доранд. Истилоҳи сосонии dūdag «хонавода» дар ҳамин маънӣ дар китоби Талмуд ҳамчун иқтибоси форсии миёна дар шакли dywtq' ёд шудааст [Nyberg 1974, 69]. Ин истилоҳи даврони сосонӣ дар порсии дарӣ дар шакли «дуда» (dūda) ба маънои «дудмон, хонадон, хонавода»; ҳамчунин «тоифа ва қабила; аёл, оила, фомил» идома пайдо карда ва дар осори адибони қарнҳои гуногун, ба вижа давраҳои аввал мисли Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Асадӣ, Хоқонӣ, Низомӣ ва ғайра ба кор рафтааст (ниг.: Луғатнома, ҷ.7).

Аз забонҳои эронии шарқӣ дар суғдӣ барои мафҳуми «хонавода» ё «хонадон» аз ин чанд истилоҳи вижа истифода шудааст. Ба таври намуна: kwt'r [kut(ə)r] — нажод, хонадон; pδ [paδ] — хонавода, нажод, тира; tүm[to/axm] — тухм, хонадон [Gharib 1995]. Аз корбурди чандин вожа дар ин маънӣ дар забони суғдӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки дар ин ҳавзаи забонӣ дар баёни ин мафҳум аз чанд муродиф истифода мешудааст.

Дар забони порсии дарӣ «хонадон» ва «хонавода» ҳар ду дар як маъно омадаанд. Ин ҳар ду вожа дар «Луғатнома» (ҷ.6) ба маънии «дудмон, хонадон» ёд гардида ва танҳо як шоҳид аз «Форснома»-и Ибни Балхӣ зикр шудааст.

Дар «Фарҳанги форсӣ ба русӣ» таълифи Р.А. Галунов (соли 1937) вожаи русии «семья» танҳо ба вожаи форсии «хонавода» ва дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ»-и Г.А. Восканян (соли 1986) ин вожаи русӣ ба вожаҳои «хонавода» ва «фомил» маънӣ шудааст.

Дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1934 семья — «оила, аҳли хона, хонадон», дар ду «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и нашрҳои соли 1949 ва соли 1985 вожаи русии семья — «оила, хонавода, хонадон» ва дар «Қомуси русӣ — пушту — дарӣ» ин истилоҳ «оила, фомил, хонавода, аёл» маънӣ шудааст.

Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (соли 2006) истилоҳи «хонавода» (=хонадон) ба русӣ чунин омадааст: 1. семья, семейство; дом. 2. династия, род; вожаи «хонавор» дар баробари маънои аввали «хонавода, хонадон» дар маънои «двор, хозайство» низ ба кор рафтааст.

Истилоҳи «хонавода», «хонадон» ва «хонавор», ки аз забони порсии дарӣ ё форсии нав манша мегиранд, имрӯз дар се кишвари ҳамзабони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон баробар ошно мебошанд. Ин се вожа дар қолабҳои вожасозии забони порсии дарӣ бо ҷузъи «хона» бар ивази истилоҳоти қаблии форсии миёна (паҳлавӣ), портӣ, суғдӣ ва забонҳову гӯишҳои дигари эронӣ сохта шудаанд ва дар ин шаклҳо бо доштани вижагиҳои маъноӣ ба кор бурда мешаванд, ки дар ин маврид шарҳи «Фарҳанги форсии имрӯз» бар асоси фарҳангномаҳои куҳан ҷолиб мебошад:

«Хонадон — маҷмӯаи хонаводаҳои хешованд (падар, модар, хоҳар, бародар, аму(амак), ама, холла, доӣ ва падарону фарзандону ҳамсарони онҳо)».

«Хонавода-1. гурӯҳе аз афрод, ки бо якдигар дорои пайванди насабӣ бошанд; 2. маҷмӯаи афроди дорои пайванди насабӣ ё насабе, ки дар зери як сақф зиндагӣ кунанд ва дорои сарпарасти муштараке бошанд; 3. маҷмӯаи хешовандон (ба вижа хешовандони дараҷаи аввал)».

«Хонавор — гурӯҳе аз афрод, ки дар як хона ва зери сарпарастии як нафар зиндагӣ мекунанд ва дар кори маош ва хӯроки рӯзона бо ҳам шариканд» (с.474).

Истилоҳи dūdmān (дудман) дар забони порсии дарӣ ба маънои «хонавода бо мафҳуми густурдаи он» ё «ҳама касоне, ки дорои ниёи муштарак бошанд» ва ё «силсилаи хонаводагӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст. Аммо ин истилоҳ, ки баъдан дар забони тоҷикӣ ба дасти фаромӯшӣ супурда шуд, ҳамчун мероси муштараки порсии дарӣ метавонад дубора дар бахши истилоҳоти хонаводагӣ ба кор бурда шавад.

Оила (له عائ / له عای) оил ( عائ ل/عای ل) аз айл(يل ع) дар арабӣ ба маънои «дарвеш, ниёзманд»; оила — «афроди зери сарпарастии раиси хонавода»; оиламанд — «дорои оила, дорои афроди зери сарпарастӣ; афроди ташкил шуда аз падару модар ва фарзандону хешон». Дар тоҷикӣ оила «хонавода»; ҳамчунин дар форсӣ ва тоҷикӣ аёл (يال ع) «зан, зан ё духтари болиғ, ҳамсар». [Дар иртибот ба ин вожа ниг: Луғатнома, ҷ. 10; Фарҳанги форсии имрӯз, 1375; Баранов Х.К. 1977; Фарҳанги Роид ут - тулоб, 1379; Фарҳанги русӣ ба форсӣ, 1986; Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, 2006; Фарҳанги арабӣ - тоҷикӣ, 2010]. Ин вожа дар забони ӯзбекӣ низ бо он ҳама маъниҳое, ки дар суннати тоҷикӣ маълум аст, ба кор рафтааст [Ниг: Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ, ҷилди 1, 1386].

Фомил (фамилия). Ин истилоҳ аз забони лотинӣ (familia) ба забонҳои дигар ворид гардидааст.

Истилоҳи мазкур дар форсӣ ба гунаи фомил (يل ام ف) ва фомилӣ (لی ی ام ف) ва дар тоҷикӣ тавассути забони русӣ — фамилия ворид шудааст. Имрӯз ин иқтибоси русӣ аз забони тоҷикӣ хориҷ гардида, аммо вожаи фомил (يل ام ف) дар форсӣ ва дарии Афғонистон дар баробари истилоҳи «хонавода» ба кор меравад.

Дар иртибот ба вожаи фомил дар забони тоҷикӣ метавон аз ибораи «чойи фомил» (дар савтиёти форсӣ), ки ба вожаи family, яъне «чойи марбути хонавода» иртибот мегирад, ёдовар шуд.

Бо баёни ин чанд андеша дар корбурди луғату истилоҳот ба бунёди ҳар вожа ва мақоми он дар таърихи забон ва адаби миллӣ бояд таваҷҷуҳ кард. Аз ин рӯ ба ҳеҷ далел наметавон ба аносири бегона дар муқобили забони модарӣ ва ё забони миллӣ бартарӣ гузошт. Забони миллии мо таърих ва ифтихори миллати мост.

Феҳристи манобеъ:

Баранов Х.К. Арабско — русский словарь.-Москва, 1977.
ВосканянГ.А. Р Русско-персидский словарь.-Москва, 1986.
ГалуновР.А. Русско-персидский словарь. (Дар ду ҷилд). — Москва, 1936-1937.
Лебедев К.А., Яцевич Л.С., Конаровский М.А. Русско-пушту-дари словарь. -Москва, 1983.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири С.Айнӣ, С.Р. Ализода, А. Исмоил-зода, Раҳим Ҳошим ва Муҳаммадҷони Юсуфӣ). (Дар ду ҷилд). – Сталинобод, 1933-1934.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири А.П.Деҳотӣ ва Н.Н. Ершов). – Москва-Сталинобод, 1949.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири М.Осимӣ). – Москва, 1985.
Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилдҳои 6, 7, 10. -Теҳрон, 1377.
Фарҳанги арабӣ — тоҷикӣ. Таълифи Саидраҳмон Сулаймонӣ. — Душанбе, 2010.
Фарҳанги роид ут-тулоб. Таълифи Ҷуброн Масъуд.- Теҳрон, 1379.
Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ (Зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов). – Душанбе, 2006.

Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ. Муаллифон: Муҳаммад Ҳалим Ёрақин, Шафиқа Ёрақин. – Теҳрон, 1386.
Фарҳанги форсии имрӯз. Ғ.С.Афшор, Н.Ҳакимӣ, Н.Ҳакимӣ. – Теҳрон, 1375.
Brandensttein W., Mayrhofer M. Handbuch des Altpersischen.- Wiesbaden, 1964.
Gharib B. Sogdian Dictionary (Sogdian — Persian -English).-Tehran, 1995.
Kent.R Old Persian. — New Haven, 1953.
MacKenzie D.N. A concise Pahlavi Dictionary. – London, 1971.
Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. – Wiesbaden, 1974.

Д.Саймиддинов

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Мақолаҳо [1]
- Фаъолият [2]

**Манбаъ::**https://www.istilohot.tj/tg/content/honavoda-oila-fomil?mini=2026-07

**Пайвандҳо**
[1] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [2] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82